## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавриди омӯзиш қарор дода шудани осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар мисоли «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ ва муайян намудани арзишҳои тарҷумаи форсии рисола дар адабиётшиносии тоҷик дар шинохту маърифати осори мутасаввиф ва дараҷаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии осор, ки яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанги миллии моро ташкил медиҳад, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқу баррасии осори суфия ва аҳли тасаввуф вобаста ба сиёсати замони давраи шуравӣ ва маҳдудияти назар нисбат ба адабиёти гузашта боис шуд, ки осори мансур ва манзури ирфонӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии адабиёти ирфонӣ муддате сарфи назари таҳлилу таҳқиқ қарор гиранд. Маҳз дар замони Истиқлол, ки ба арзишҳои миллӣ ва маънавӣ, таърих, фарҳанг ва тамаддун таваҷҷуҳи аввалитндараҷа дода шуд, ба омӯзиши тамоми мероси адабӣ, аз он ҷумла адабиёти аҳли тасаввуф ва мероси онҳо шароити мусоид фароҳам омад. Аз ин рӯ, таҳқиқу таҳлили «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ дар шинохти мақом, ҷойгоҳ ва вижагиҳои адабию ҳунарии он, муайян намудани арзиши тарҷумаи ин осори адабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар адабиётшиносии тоҷик муҳим мебошад.

Автореферат дар асоси талаботи муқаррароти расмӣ тартиб дода шуда, дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҷанбаҳои назарию амалии диссертатсия ва навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои пешниҳодшуда, илова бар хулосаю рӯйхати адабиёт, масъалаҳои меҳварӣ дар се боб, нуҳ фасл баррасӣ шудаанд. Натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажуҳиш бо мундариҷаи илмӣ муфовиқ буда, дар тарзи таҳлилу таҳқиқ дар пайдарҳамии баёни фикру андеша, нигоҳи назарӣ ба мероси ирфонӣ ва аҳли он, тарҷумаи рисолаи Абулқосими Қушайрӣ дар илму адаби асри XI ва таъсир ин рисола дар асрҳои баъдин дар осори намояндагони дигари аҳли тасаввуф хеле хуб ба назар расид.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст: «Назаре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ», «Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ», «Сохтору мундариҷаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия».

Дар фаслҳои боби аввал ба натиҷае расида шудааст, ки тасаввуф дар асри X ва ибтидои асри XI дар тамоми қаламрави забони форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун мактаб арзи ҳастӣ карда, осори ирфонии арзишмандтарин аз нигоҳи назарӣ дар ҳамин давра ба майдон омада будааст. Арзи ҳастӣ кардани ин мактаби ирфонӣ ва макотибҳои дигар ба танвири афкори намояндагони тасаввуф ва ба вуҷуд омадани равияҳо мусоидат кардааст. Абулқосими Қушайрӣ дар радифи маъруфтарин донишмандони замони худ, яке аз донандаҳои хуби улуми замона ва каломи ҳадис будааст. Ҳамчунин, муайян

карда шудааст, ки Қушайрӣ аз улуми адабӣ хуб огаҳӣ дошта, шеър низ сурудааст ва илова бар ин, котибу дабири тавоно ва воизе суханпардоз будааст, дар илми калому ҳадис дар тафсири Қуръон тавоно буда, осори ӯ дар замонаш ва асрҳои минбаъда ба аҳли суфиён таъсиргузор будааст. Дар фасли савум диссертант ба натиҷае расидааст, ки «Рисолаи қушайрия» дорои мундариҷаи мукаммал буда, ки он аз фарохии дониш, тасаввур ва ғаври муаллиф дар масъалаҳои ирфону тасаввуф гувоҳӣ медодааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** аз ду фасл иборат аст: Фасли аввали ин боб «Тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия», фасли дуюм «Баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар». Дар ин боб муҳаққиқ тарҷумаҳо ва шарҳи форсии «Рисолаи қушайрия» баррасӣ намуда, ба натиҷае расидааст, ки Абулқосими Қушайрӣ «Рисолаи қушайрия»-ро бо забони арабӣ дар асри XI таълиф намуд ва китоби Қушайрӣ дар замони зиндагии ӯ ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда шуд ва огоҳии форсизабонон бо андешаҳои Қушайрӣ аз замони зиндагияш то имрӯз тавассути ҳамин тарҷума будааст. Маълум шуд, ки тарҷумаи аввал аз тарафи Абуалии Усмонӣ аз шогирдони Қушайрӣ сурат гирифтааст. Баъдан, тарҷумаи Абуалии Усмонӣ дар Кирмон тавассути Абулфутуҳи Нишопурӣ ислоҳ ва дар бархе аз қисматҳо ба тарҷумаи дубора анҷом ёфтааст.

Дар фасли дувуми боби дувум ду тарҷумаи форсизабонон ва шарҳи Гесӯдароз ва баъд аз он тарҷума нашудани матни арабии «Рисолаи қушайрия» ба исбот расидааст. Муҳаққиқ муайян намудааст, ки Гесӯдароз матни арабии «Рисолаи қушайрия»-ро нахуст тарҷума, пасон шарҳу накд кардааст. Номи китоб бар асоси чопи сангии Ҳайдарободи Дакан «Шарҳи рисола» унвон дорад. Тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» то имрӯз дар Эрон се бор тасҳеҳ шуда будааст: аз ҷониби Бадеуззамони Фурӯзонфар (1967), Маҳдии Муҳаббатӣ (2012) ва Сайида Марям Равзотиён ва Сайидалӣ Асғари Мирбоқирифард (2018), ки дар бораи ин тарҷумаҳо маълумоти мукаммалу муфассал оварда шудааст. Муайян шудааст, ки «Рисолаи қушайрия» ҳамагӣ се маротиба мавриди тарҷума қарор гирифта ва ин тарҷумаҳоюю шарҳ мунҳасир ба забони форсӣ-тоҷикӣ будаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»** аз чор фасл таркиб ёфтааст: фасли аввал «Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», фасли дуюм «Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», фасли савум «Усули корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт дар «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», фасли чорум «Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ)» номгузорӣ шудаанд. Муҳаққиқ дар фаслҳои боби савум ба натиҷаҳои назаррас расидааст, аз ҷумла муқаррар шудааст, ки тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба сабки хуросонӣ таълиф шуда, андешаҳои ирфонӣ бо забони сода ва дархури фаҳм баён гардидаанд. Бештари ҷумлаҳои китоб кӯтоҳ, сода ва дур аз санъатҳои лафзию такаллуфоти печдарпеч баён шудаанд. Шеваи кори Қушайрӣ дар шарҳи истилоҳоти ирфонӣ чунин аст: нахуст истилоҳро аз назари аҳли таҳқиқ шарҳ медиҳад ва баъдан, маънои ирфонии онро аз назари

орифон шарҳу тавзеҳ медиҳад ва дар шарҳи ирфонӣ аз орифону суфиёни маъруф нақли қавл карда, ашъору амсолу оёти Қуръонро меоварад. Қаҳрамонони ҳикоёт аз аҳли тасаввуф буда, фаъолияти онҳо дар шакли тарҷумаҳолӣ оварда шуда, ба таври анъанавӣ ҳикоят андар ҳикоят таҳкия шудаанд. Забони баёни Қушайрӣ дар асоси вожаҳои суфия бунёд гаштааст. Ҳуҷвирӣ аз китоби Қушайрӣ истифода кардааст, вале бино ба муқтазо аз ақвол ва ҳикоёт истифода карда, илова бар ин назари худро баён мекунад.

Хулосаи автореферати диссертатсия аз 14 банд иборат буда, дар ҳар як банд муҳтавои асосии фаслҳои се боб дар шакли натиҷагириҳои дилхоҳ оварда шудаанд.

Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар расид, ки онҳо аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро кам намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
ходими пешбари шуъбаи адабиёти
муосири Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдулло Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Ҳошимова Хурщеда Абдумanoновна

«03»-юми августи соли 2026.
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Сино, кӯч. Шерализода 6, ҳ.54
Тел.: (+992) 012-19-63-63
E-mail: hurshedah@mail.ru.

Имзои Х.А. Ҳошимоваро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон
ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Давлатов Фирдавс Қосимович

«03»-юми августи соли 2026

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: +992 (93) 760-22-33
E-mail: iza.rudaki@gmail.com